**Қарори**
**ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 11 сентябри соли 2020** **ш. Душанбе**

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 таҳқиқоти диссертатсионии Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.) пешниҳод шудааст, тақризи муассисаи тақриздиҳанда, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азимзода Назир Бозор, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ғайратов Тимуршо Муборакшоевич, баромади аъзоёни шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Аззизода У.А., Сафарзода А.И. ва дотсент Сафарзода Ҳ.С. муқарризи ғайрирасмӣ номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҷабзода М.Н., шунида, мавриди муҳокима қарор дод. Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-059 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**Қарор қабул мекунад:**

1. Диссертатсияи Зокирзода Зафар Хайрулло дар мавзӯи «Мусодираи молу мулк ҳамчун намуди ҷазои ҷиноятӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба

шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

**1.** Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

**2.** Ба Зокирзода Зафар Хайрулло дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

**3.** Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Зокирзода Зафар Хайруллоро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Сафарзода А.И.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**